УДК 338.1
ББК 65.9 (5)2/4

# МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ КЛАСТЕРҲОИ САНОАТӢ

***Нуриддинова Манзура Исмаиловна*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail:nuriddinova-1970@mail.ru*
***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна*** *- муаллимаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail: sanam85@mail.ru*

# КОММЕНТАРИИ ПО ТЕОРЕТИЧЕСКИМ АСПЕКТАМ ПРОМЫШЛЕННОГО КЛАСТЕРА

***Нуриддинова Манзура Исмаиловна*** *– кандидат экономических наук доцент кафедры мировой экономики Государственного образовательного учреждения «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова», Республике Таджикистан, e-mail:nuriddinova-1970@mail.ru*
***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна*** *- преподователь кафедры мировой экономики ГОУ “ХГУ импени академика Б.Гафурова”. г. Худжанд, Республике Таджикистан, e-mail: sanam85@mail.ru*

# COMMENTS ON THE THEORETICAL ASPECTS OF THE INDUSTRIAL CLUSTER

***Nuriddinova Manzura Ismailovna*** *- Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy of the Khugand State University named after Academician B.Gafurov. Khujand, Republic of Tajikistan, e-mail:nuriddinova-1970@mail.ru*
***Askarova Sanavbarkhon Sultonhodzhaevna*** *- Lecturer at the Department of World Economy of the Khugand State University named after Academician B.Gafurov. Khujand, Republic of Tajikistan, e-mail: sanam85@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *кластер, сиёсати кластерӣ, назарияи кластер, рушди минтақа.*

*Яке аз роҳҳои самарабахши рушди ҳудудҳо - муносибати кластерӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Омилҳое, ки ба таъсис, ташаккул ва инкишофи кластерҳо дар минтақа таъсир мерасонанд, ҳамчунин омилҳое, ки ба рушди кластерҳо мамониат менамоянд, тавсиф карда шудаанд. Таъсири кластерҳо ба рақобатпазирӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти минтақа дар се самт – векторҳо шарҳ дода шудааст. Зикр гардидааст, ки муносибати кластерӣ олати пуриқтидорест, ки ба афзоиши иштиғол, музди кор, пардохт ба буҷетҳои сатҳҳои муталиф, баланд бардоштани самаранокӣ ва пойдории саноати минтақа таъсир мерасонад.*

***Ключевые слова:*** *кластер, кластерная политика, кластерная теория, развитие региона.*

*Рассматривается один из наиболее эффективных путей развития территорий – применение кластерного подхода. Выделены важные факторы, влияющие на создание, формирование и развитие кластеров в регионе, а также факторы, которые препятствуют их развитию. Анализируется влияние кластеров на конкурентоспособность и повышение эффективности экономики региона в трех направлениях – векторах. Подчеркивается, что кластерный подход является мощным инструментом. влияющим на увеличение занятости, заработной платы, отчисления в бюджеты различных уровней, повышения эффективности и устойчивости промышленности региона.*

***Key words:*** *cluster, cluster policy, cluster theory, development of region.*

*One of the most effective ways of developing territories is considered - the use of a cluster approach. The important factors influencing the creation, formation and development of clusters in the region, as well as the factors that hinder their development are identified. The influence of clusters on the competitiveness and efficiency of the region's economy is analyzed in three directions - vectors. It is emphasized that the cluster approach is a powerful tool. affecting the increase in employment, wages, deductions to the budgets of various levels of increasing the efficiency and sustainability of the region's industry.*

Маҷмӯи корхонаҳои саноатӣ, ки дар ҳудуди минтақаи мушаххас мавриди баррасӣ қарор мегирад ва маҳз ҳамин вазъ ба ҳокимияти минтақавӣ имкон медиҳад рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаро идора намояд, кластери саноатӣ дар минтақа ба шумор меравад.

Дар аксари мамлакатҳо, масалан дар Тоҷикистон солҳои охир шакли кластерии ташкили иқтисодиёти минтақа ба яке аз олатҳои афзалиятноки сиёсати саноатӣ табдил ёфта истодааст. [6, С.139-143]. Дар ин бора таваҷҷӯҳи назарраси давлат ва ҳокимияти минтақа ба масъалаҳои амалкарди кластерҳо шаҳодат медиҳад.

Чи тавре ки амалияи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, муносибати кластерӣ на танҳо воситаи ба даст овардани мақсадҳои сиёсати саноатӣ, аз ҷумла тағйироти сохторӣ дар саноат, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, тақвияти самтияти инноватсионӣ ва ғайра мебошад, балки олати қавии ҳавасмандгардонии рушди минтақа низ мебошад. Рушди минтақа бошад дар ниҳояти кор метавонад боиси афзоиши иштиғол, музди кор, пардохтҳо ба буҷетҳои сатҳҳои мухталиф, баланд бардоштани пойдорӣ ва рақобатпазирии саноати минтақа гардад. Дар замони муосир татбиқи муносибати кластерӣ ба сифати яке аз роҳҳои самарабахши рушди ҳудуд баррасӣ мегардад.

Иштирокдорони кластер метавонанд афзалиятҳои асосии зеринро ба даст оранд: шароити истеҳсолот (омилҳои истеҳсолот); шартҳои талабот; кластерҳои ҳамҷавор ва дастгиркунандаи соҳавӣ; сиёсати стратегии компанияҳо; рақобати дохиликластерӣ. [5, С.91-99].

Назарияи кластерҳо баробари арзи ҳастӣ кардан дар сиёсати давлатӣ мавриди дархосту таваҷҷӯҳ қарор гирифтанд. Тадриҷан истилоҳи сиёсати кластерӣ ба муомилот ҷорӣ гардид. Ба маънои васеаш таҳти мафҳуми сиёсати кластерии давлат сиёсате фаҳмида мешавад, ки ба фаъолгардонӣ ва инкишофи кластерҳо равона шудааст. Он тавассути консепсияи инкишофи кластерӣ амалӣ мегардад, ки барномаҳои миллӣ ва минтақавиро дарбар мегирад.

Омилҳои муҳимме мавҷуданд, ки ба таъсис, ташаккул ва инкишофи кластерҳо таъсир мерасонанд ва омилҳое ҳастанд, ки ба инкишофи онҳо мамониат мекунанд. [4, С.176].

Омилҳои зерин ба инкишофи кластерҳо мусоидат менамоянд:

- тамаркузи таҳвилгарон дар тамоми ҳудуди минтақа;
- мавҷудияти кадрҳои баландихтисоси муҳандисӣ, кормандони илмӣ, ҳамчунин пойгоҳи омодасозии онҳо;
- мавҷудияти лабораторияҳои илмию техникӣ ва таҷрибавӣ барои амалигардонии НИОКР;
- рушдёбандагӣ ва сифати низоми ВПО-и минтақа (махсусияти соҳавӣ);
- анъанаҳои кооператсияи истеҳсолӣ;
- мавқеи фаъолонаи ҳокимият дар масъалаи ташаккули кластер;
- анъанаҳои нақшагирии ҳудудию хоҷагидорӣ (таҷрибаи ташаккули ТПК, НПО, МТПК).

Ба омилҳои мамониаткунанда ба инкишофи кластерҳо мансубанд:

- сифати пасти таҳвилгарон ва самарабахшии пасти низоми таҳвилот;
- мавриди дархости саноати минтақа қарор нагирифтани барномаҳои касбии таҳсилотӣ ва илмию тадқиқотӣ;
- алоқаи суст (ё набудани алоқа) байни муассисаҳои ВПО, СПО ва НПО, пажӯҳишгоҳҳо ва саноат;
- сифати пасти бизнес-муҳит барои ба вуҷуд омадан ва инкишоф ёфтани бизнеси хурду миёна (монеаҳои маъмурӣ, захираҳои молиявӣ ва ғайра);
- самарабахшии пасти ассотсиатсияҳои соҳавӣ ва касбӣ;
- мавқеии заифи ҳокимият дар масъалаи ташаккули кластер;
- таҷрибаи нокофии мубоpизаи рақобатӣ дар аксари корхонаҳо ва уфуқи маҳдуди замонии стратегияҳои бизнес. [4, С.176].

Дар раванди фаъолгардонӣ ва инкишофи кластерҳо давлат ба ҳайси яке аз се тарафи баробарҳуқуқ баромад мекунад, ки ҳар як тараф вазифаҳои махсуси худро амалӣ мегардонад. Моҳияти ин муносибат дар он аст, ки инкишофи инноватсиониро самаранок танҳо тавассути таъмини фаъолияти муштараки давлат, бизнес ва аҳли илм ба роҳ мондан имконпазир аст. Дар амал бошад, муносибатҳо

дар самти ба вуҷуд овардан ё истифодаи инноватсияҳо аксаран хусусияти “дугона” доранд: давлат-илм, бизнес-илм, давлат-бизнес. [2, С.45-53].

Кластери саноатӣ дар рақобати дохилии бахш тамаркуз меёбад. Зимнан, кластер метавонад аз ашхоси амалкунандаи мухталиф, захираҳо ва намудҳои фаъолият иборат бошад, ки онҳо барои инкишоф, истеҳсолу фурӯши намудҳои гуногуни молу хизмат муттаҳид мешаванд. Бархилофи кластери минтақавӣ он ба марзҳои нисбатан васеъ тамоюл дорад ва мекӯшад тамоми минтақа ё мамлакатро фаро гирад. [6, С.139-143].

Таъсири кластерҳоро ба рақобатпазирӣ ва баланд бардоштани самарабахшии иқтисодиёти минтақа дар се самт баррасӣ кардан мумкин аст: [7, С.92-104].

1) Самти нахустин: кластерҳо ҳосилнокии ширкатҳо (корхонаҳо) ва соҳаҳоро зиёд мекунанд;

- рақобат дар дохили кластер махсусгардонии нисбатан самарабахшро ба вуҷуд меорад;
- пайдо шудани истеъмолгарони нисбатан серталаб.

Сатҳи нисбатан баланди махсусгардонӣ дар раванди истеҳсолот ба истифодаи сарфаи миқёс имконият ба вуҷуд меорад;

- дастрасӣ ба технологияҳо, таҳвилгарон, қувваи кории хушсифат, иттилоот, бизнес-хизматҳо ва ғайра;
- инкишофи кластерӣ метавонад инфрасохтори хизматҳои касбӣ, молиявӣ ва дигар хизматҳоро такмил диҳад.

2) Самти дувум: кластерҳо ба рушди инноватсионӣ ва истеҳсолии минтақа имконият ба вуҷуд меоранд:

- ба ҳамкории самарабахши захираҳои эҳтимолии нав барои инноватсияҳо каналҳо ба вуҷуд меоранд;
- муайян кардану пешгӯӣ намудани барвақти тамоюлҳои технологӣ;
- муҳите, ки ба пайдо шудани комбинатсияҳои қаблан вуҷуд надоштаи тахассусҳо (қобилиятҳо) муосидат мекунанд;
- заминаҳои мусоид барои тақсими хавфҳо.

3) Самти севум: кластерҳое, ки ташаккули бизнеси навро ҳавасманл мегардонанд ва осон мекунанд, инноватсия ва тавсеаи кластерро дастгирӣ менамоянд:

- салоҳияти беҳтар дар мурочиат бо сармояи венчурӣ ва рушди компанияҳои босуръат афзуншаванда;
- алоқаҳо ва каналҳо дар дохили кластер ба пайдо шудани малакаҳо, технологияҳо ва субсидияҳое, ки ҳамдигарро такмил медиҳад, мусоидат менамоянд; имкони ҷалби малакаҳои мутақобилан такмилкунанда аз ҷониби компанияҳо барои иштирок кардан дар муомилаҳои нисбатан калоне шароит фароҳам меорад, ки дар онҳо компанияҳои инфиродӣ рақобатпазир нестанд;
- дастгирии пайдошавии иштирокдорони нав;
- таҳкими алоқаҳои иҷтимоӣ ва алоқаҳои дигари ғайрирасмие, ки ба пайдо шудани идеяҳою бизнесҳои нав мусоидат мекунанд;
- маҷроҳои нисбатан мукаммали иттилоотӣ дар дохили кластер.

Ин самтҳоро ҳамчунин бар хилофи дигар шаклҳои иттиҳодияҳои гурӯҳӣ махсусиятҳои кластеронӣ номидан мумкин аст.

Кластерҳо бо роҳҳои мухталиф арзи ҳастӣ мекунанд. Модели ягонаи сохтани кластер вуҷуд надорад. Таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки омилҳои зерин заминаи пайдо шудани кластер шуда метавонанд: фаъолияти бомуваффақияти корхонаи саноатӣ, ҷойгиршавии мусоиди ҷуғрофӣ, мавҷудияти кадрҳои касбӣ, пойгоҳи илмӣ, инфрасохтори хуб.

Таҳлили сарчашмаҳои иқтисодӣ собит месозад, ки кластерҳо метавонанд ба таври стихиявӣ ё бо роҳи табиӣ пайдо шаванд. Ин аз типи корхонаҳо, вижагиҳои миллию ҷуғрофии ҳудудҳо, шароитҳои иқтисодии ташаккулёбӣ (мавҷудияти дастрасӣ ба захираҳои табиӣ, бозорҳо, таҳвилгарон, сармоя, захираҳои меҳнатӣ) вобаста аст. Айни замон бе дастгирии мақомоти давлатии ҳокимият ташаккул ва рушди кластерҳо самаранокии дилхоҳ намедиҳад.

Дар сарчашмаҳои иқтисодӣ хатти сайрҳои зерини омилии эҳтимолии кластеронии саноатии минтақаро ҷудо мекунанд:

1. “хатти сайри коҳишёбанда – аз боло ба поён”, яъне дар навбати аввал мақомоти ҳамоҳангсозию мониторинг ташкил мешаванд, стратегияи кластер умуман ва дастгирии захиравии он муайян карда мешавад.

2. “хатти сайри афзуншаванда – аз поён ба боло”, яъне таҳияи лоиҳаю барномаҳои алоҳидае, ки иштироккунандагони эҳтимолии кластерро муттаҳид месозанд;

3. варианти омехта, вақте ки ҳар ду хатти сайри мазкур ба таври мувозӣ дар замон омехта истифода мешаванд.

Ошкор сохтани имкониятҳои ташаккули кластерҳои саноатӣ дар ҳудуди мушаххас (дар сатҳи шаҳри азим ё минтақа) яке аз мушкилоти ҷиддие ба ҳисоб меравад, ки минтақаҳо дар амалия рӯ ба рӯ мешаванд. Дар ҷадвали 1 методҳои мухталифи арзёбии имконияти ташаккули кластер пешниҳод шудаанд. [3, С.17].(Ҷадвали 1).

*Ҷадвали 1.*

*Тавсифи мухтасари муқоисавии методҳои арзёбии имконияти ташаккули кластер*

| *Методҳо* | *Афзалиятҳои метод* | *Камбудии метод* |
|---|---|---|
| 1. Методи миқдорӣ | | |
| 1.1. Методи истифодаи коэффисиенти локализатсия (А.В.Колашин, К.А.Разгуляев, Ю.Л.Тимофеева, В.М.Русинов) | Содагии ҳисобкуниҳо, имконияти омезиш бо дигар методҳо | Ба муҳокима рондан дар бораи вобастагии мутақобилаи соҳаю бахшҳои мухталифи иқтисодиёт имконият намедиҳад, зарурати гузаронидани арзёбии тағйир ёфтани қиматҳои нишондиҳанда бо гузашти вақт |
| 1.2. Методи “Таҳлили кластерҳои инкишофёбанда” (Ассотсиатсияи мақомоти ҳокимияти давлатӣ) | Нисбатан сода будани ҳисобкуниҳо | Ба муайян кардани иқтидори кластер дар марҳилаҳои ибтидоии ташаккулёбии он имкон намедиҳад, ки ин дар роҳи гузаронидани сиёсати самарабахши саноатӣ монеаи назаррас мебошад |
| 1.3. Методи “се ситора” (ESO) | Нисбатан сода будани ҳисобкуниҳо | На иқтидори мутлақ, балки иқтидори нисбии кластер андозагирӣ мешавад, муҳиммияти мушаххасоти мутлақ истисно мешавад |
| 2. Муносибати сифатӣ | | |
| 2.1. Методи арзёбиҳои экспертӣ | Харҷҳои нисбатан паст, ба даст овардани иттилооти муфассали ҷузъӣ | Набудани ҷамъоварии мунтазами иттилоот, додаҳои ҷамъбастӣ; нишондиҳандаҳои мушаххаси миқдориро, ки онҳоро дар динамика таҳқиқ кардан мумкин аст, пешниҳод намекунад |
| 2.2 Методи сиклҳои ҳаётӣ (Т.Андерсон, С.Швег, К.Кетелс) | Чандирӣ аз нишондиҳандаҳои мушаххаси оморӣ вобаста нест | Натиҷаҳои ба даст омадаи таҳқиқ тахминӣ мебошанд. Дар бораи ифодаи миқдории иқтидор иттилоъ дода наметавонад, балки оид ба марҳилаи муваққатӣ, ки кластер дар он қарор дорад, шаҳодат медиҳад |
| 3. Омезиши методҳои миқдорию сифатӣ | | |
| 3.1. Методи арзёбии ҷаззобияти кластер аз рӯи методи Маккинси (Донишгоҳи Толедо) | Истифодаи меъёрҳои мухталиф, имконияти тағйир додани категорияҳои арзёбӣ, коэффисиентҳои вазнӣ; ба омӯзиши таъсири ҳар як аз меъёрҳои баррасишаванда имконият медиҳад | Додани арзёбии зеркатегорияҳо хусусияти субъективӣ дорад |

Таҳлил нишон медиҳад, ки нисбат ба арзёбии имкони ташаккули кластерҳо муносибати ягона вуҷуд надорад. Маҳдудияти ҷиддии методҳои баррасигардида дар он аст, ки арзёбии иштирокдорони мушаххаси кластер ва арзёбии миқдории иқтидори ташаккули кластерхо сурат намегирад.

Таҳқиқи натиҷабахшии ташкил ва амалкарди кластерҳо ва самаранокии фаъолияти кластери саноатӣ низ хеле ҷолиб мебошад, зеро тавассути онҳо таъсири кластерҳоро ба иқтисодиёти минтақа муайян кардан мумкин аст.

Зери мафҳуми самараи кластерӣ таъсири иштирок дар кластерҳо ба нишондиҳандаҳои мухталифи натиҷабахшсозандаи фаъолияти корхона ва минтақа умуман фаҳмида мешавад. Самараи кластерии ҳар як намудро барои иқтисодиёти минтақа бо мақсади ҳисобкунии самараи умумии кластерӣ ҷамъ кардан мумкин аст.

Самара аз фаъолияти кластерҳои саноатӣ ҳам дар сатҳи унсурҳои алоҳидаи иқтисодии кластер (самараҳои дохилӣ) ва ҳам дар сатҳи минтақа ё мамлакат умуман ҷой дошта метавонанд (ҷадвали 2) [1, С.54-62].

*Ҷадвали 2.*

*Самараҳо аз ташаккули кластери саноатӣ*

| *Самара* | *Ошкоршавӣ дар кластери саноатӣ (самараҳои дохилӣ)* | *Ошкоршавӣ дар минтақа (самараҳои беруна)* |
|---|---|---|
| Самараи коҳиши хароҷоти трансаксионӣ | Ҳамкории иштироккунандагони кластер хусусияти доимӣ дорад, ки ин ба афзоиши бехатарии муомилаҳо имкон медиҳад | Ташаккули кластерҳо дар минтақа ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ имкон медиҳад хароҷоти трансаксиониро кам кунанд |
| Самараи миқёси истеҳсолот | Инкишофи махсусгардонии кластери саноатӣ боиси рушди иштироккунандагони дигар мегардад. Дар натиҷа соҳаи “фарогирӣ”-и кластер тавсеа меёбад | Тавсеаи соҳаи “фарогирӣ”-и кластери саноатӣ барои баромадан ба бозорҳои нав имкон медиҳад, дар натиҷа минтақа бой мешавад. Дар навбати худ он ба инкишофи дигар соҳаҳо таъсир мерасонад |
| Самараи дарбаргирӣ | Кооператсияи иштироккунандагони кластер ба истифодаи омили сермеъёра дар корхонаҳои гуногун ҳангоми ба ҳадди ақалл расонидани хароҷоти трансаксионӣ, ки бо интиқоли он марбут аст, имконият медиҳад | Истифодаи омили сермеъёра дар корхонаҳои мухталиф бо паст шудани қисми воситаҳои буҷетии минтақа, ки ба маблағгузорӣ ба ҳамин омили истеҳсолот равона мешаванд, вобаста аст |
| Самараи антитриггерӣ | Аз ҳисоби ҳаммаблағгузории иштироккунандагони кластер ба навгониҳо пайдо мешавад | Мақомоти давлатии ҳокимияти минтақа метавонанд чун ҳамоҳангсози кластер баромад кунанд, ки ин ба зери назорат гирифтани истифодаи захираҳои молиявӣ имконият медиҳад |
| Самараи масъулияти экологӣ | Аз ҳисоби фароҳам овардани шароит барои ҷорӣ намудани комёбиҳои навтарин ба соҳаи ҳифзи муҳити зист коҳиш додани таъсири манфии кластер ба экология | Коҳиш додани таъсири манфӣ ба экологияи минтақа боиси, аввалан, кам шудани беморшави аҳолӣ ва, сониян, ихтисори хароҷот ба барномаи экологии минтақа мегардад |
| Самараи синергетикӣ | Афзоиши самарабахшии иштироккунандагони кластер дар натиҷаи интегратсияи онҳо | Инкишофи динамикии минтақа дар натиҷаи дар он ташаккул ёфтани кластерҳо |

Бархилофи назария дар амал аз ҳам ҷудо кардани як самара аз самараи дигар кори осон нест. Дар кластерҳои инкишофёфта онҳо ба ҳам омехта мешаванд, якдигарро такмил медиҳанд. Ҳамзамон таъсири ҳамаи ҷузъҳои самараҳои кластерӣ боиси пайдошавии синергия мегардад.

Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки таҳқиқи таҷрибаи байналхалқии ташаккули кластерҳо ва истифодаи муносибати кластерӣ ва сиёсати кластерӣ нишон медиҳад, ки онҳоро танҳо дар сурати ба шароити ҷумҳурӣ мутобиқ гардонидан дар ҶТ корбаст намудан мумкин аст. Сиёсати давлатии кластерӣ, ки дар ҷумҳурии мо дар ҳоли ташаккул аст, олатҳои моделҳои мухталифро ба ҳам омезиш медиҳад. Дар асоси муқоисаи моделҳои гуногун дар ҷумҳурӣ модели “омехта”-и ташаккули кластерҳои

минтақавиро татбиқ кардан мумкин аст. Ба назари мо, дар ҶТ истифодаи модели омехта аз ду ҷиҳат қобили қабул аст: аввалан, он нақши фаъоли минтақаҳо ва компанияҳои минтақавиро дар ташаккули кластерҳо пешбинӣ мекунад; аз тарафи дигар дастгирии ташаббусҳои кластериро аз ҷониби мақомоти давлатӣ пешбинӣ менамояд.

Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки муносибати кластерӣ на танҳо чун воситаи ба даст овардани мақсад дар мубориза рақобатии минтақаҳо хизмат мекунад, балки самтияти инноватсиониро тақвият мебахшад, олати пуриқтидоре мебошад, ки ба афзоиши иштиғол, музди кор, пардохт ба буҷетҳои сатҳҳои гуногун, баланд бардоштани самарабахшию пойдории саноати минтақа таъсир мерасонад, ки ҳамаи ин омилҳо ба рушди минтақа мусоидат менамоянд.

ПАЙНАВИШТ


1. Буянова, М.Э. Оценка эффективности создания региональных инновационных кластеров / М.Э. Буянова, Л.В. Дмитриева // Вестник Волгогр. гос. ун-та. Сер. 3, Экон. Экол. -2012. -№2 (21). –С.54-62.
2. Дежина, И. “Тройная спираль” в инновационной системе / И.Дежина, В.Киселева.- 2007.- С. 45-53
3. Дятлова, Е.С. Методические подходы к оценке потенциала формирования промышленных кластеров (на примере Ленинградской области) / Е.С. Дятлова. – Автореферат дисс.на соискание уч.степ. к.э.н., спец. 08.00.05, Санкт-Петербург. – 2012. - С. 17.
4. Казаков, М.А. Теоретические и прикладные аспекты формирования и развития тесктильного кластера региона (по материалам Ивановской области): - дисс. ...канд. экон. наук: 08.00.05, / М.А. Казаков. – Иваново, 2006. -176с.
5. Ксенофонтова, О.Л. Региональные кластеры: методические аспекты идентификации, формирования результатов функционирования / О.Л. Ксенофонтова, Е.А. Абрамова // Современные наукоемкие технологии. Региональное приложение. Иваново, 2015. -№3. – С.91-99.
6. Павленко, Д.Ю. Проблемы создания кластеров в России: региональный аспект / Д.Ю. Павленко //Вестник экономической интеграции. – М., 2011. -№2. –С. 139-143.
7. Усакова, Т.В. Развитие региональных кластерных систем / Т.В. Ускова // Региональная экономика. – 2008. -№1 (1). –С.92-104.


REFERENCES


1. Buyanova, M.E. Evaluation of the effectiveness of the creation of regional innovation clusters / M.E. Buyanova, L.V. Dmitrieva // Vestnik Volgogr. gos. un-ta. Ser. 3, Econ. Ecol. -2012. - No. 2 (21). - P. 54-62.
2. Dezhina, I. "Triple spiral" in innovation system / I. Dezhina, V. Kiseleva.- 2007.- P. 45-53
3. Dyatlova, E.S. Methodical approaches to the assessment of the potential for the formation of industrial clusters (not an example of the Leningrad region) / E.S. Dyatlova. - Abstract of the dissertation, third step. Ph.D., spec. 08.00.05, St. Petersburg. - 2012. - P. 17.
4. Kazakov, M.A. Theoretical and practical aspects of the formation and development of the test cluster of the region (based on the materials of the Ivanovo region): - diss. ... sugar. economy science: 08.00.05, / M.A. Kazakov. - Ivanovo, 2006. -176p.
5. Ksenofontova, O.L. Regional clusters: methodological aspects of identification, formation of functional results / O.L. Ksenofontova, E.A. Abramova // Modern high-tech technologies. Regional application. Ivanovo, 2015. - No. 3. - P.91-99.
6. Pavlenko, D. Yu. Problems of creating clusters in Russia: regional aspect / D.Yu. Pavlenko // Journal of economic integration. - M., 2011. - No. 2. -P. 139-143.
7. Usakova, T.V. Development of regional cluster systems / T.V. Uskova // Regional economy. – 2008. - No. 1 (1). - P. 92-104.